ХАДАМОТИ ГУМРУКӢ
НАЗДИ ҲУКУМАТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ТАМОЖЕННАЯ СЛУЖБА
ПРИ ПРАВИТЕЛЬСТВЕ
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

734025. ш.Душанбе, к.Бухоро - 50 тел:221-22-35; 221-16-92; факс 221-46-30 734025. г.Душанбе,ул.Бухоро - 50


№ 136-об «24» 08 2009 г.

## ФАРМОИШ - РАСПОРЯЖЕНИЕ

Дар бораи тасдиқ намудани
Нақшаи технологии ҳамкории
Лабораторияи гумрукии марказӣ
бо дигар воҳидҳои сохтории
Хадамоти гумруки назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар асоси банди 11- и Низомномаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 № 612 тасдиқ шудааст,

1. Нақшаи технологии ҳамкории Лабораторияи гумрукии марказӣ бо дигар воҳидҳои сохтории Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замима тасдиқ карда шавад.

2. Фармонҳои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 233 аз 11 декабри соли 2007, №50 аз 31 марти соли 2008, №54 аз 16 марти соли 2009 ва №56 аз 19 марти соли 2009 аз эътибор соқит дониста шаванд.

3. Раёсати ташкилию бозрасӣ (Ибодов А.И.) фармоиши мазкурро ба маълумоти воҳидҳои сохтории Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон расонад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадов Н.Ш. гузошта шавад.

САРДОР Г.ЗАРИПОВ

Замима
ба фармоиши Сардори Хадамоти
гумруки назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
№136-об аз «24» 08 соли 2009

## НАҚШАИ ТЕХНОЛОГИИ

ҳамкории Лабораторияи гумрукии марказӣ бо дигар воҳидҳои сохтории Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Нақшаи технологии мазкур тартиби ҳамкории Лабораторияи гумрукии марказиро (минбаъд дар матн – Лаборатория) бо дигар воҳидҳои сохтории Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд дар матн - мақомоти гумрук) оид ба масъалаҳои зерин муайян мекунад:
- ҳаммонандсозии молҳо, муайян намудани нишондиҳандаҳои алоҳидаи онҳо, ки татбиқи чораҳои тарифӣ ва ғайритарифиро муайян мекунанд;
- пешгирии ҳолатҳои саркашӣ аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андозҳо.
2. Мақсади ҳамкории Лаборатория бо мақомоти гумрук мусоидат ба таъмини декларатсиякунонии пурра ва дурусти молҳое мебошад, ки ҳаммонандкунии онҳо экспертиза ва тадқиқи гумрукиро талаб мекунад.
3. Экспертиза ва тадқиқи гумрукии молҳое, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд, вобаста аз мақсадҳои гумрукӣ дар ҳама зинаҳои назорати гумрукӣ таъин ва гузаронида шуда метавонанд.
4. Экспертизаи гумрукӣ бо назардошти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2005 № 450, Фармони Сардори Хадамот аз 2 июли соли 2007 № 127 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад.
5. Ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ экспертизаро шахси мансабдори мақоми гумрук, ки назорати гумрукиро амалӣ менамояд, таъин мекунад.

6. Ҳангоми тафтиши парвандаҳо дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ ва ё барраси онҳо экспертизаро шахси мансабдори мақоми гумрук, ки парвандаи ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ дар истеҳсолот ва ё баррасии ӯ қарор дорад, таъин мекунад.

7. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятие, ки ба салоҳияти мақомоти гумрук дохил мешаванд, экспертизаро шахси мансабдори мақоми гумрук, ки таҳқиқро мебарад, таъин мекунад.

8. Ҳангоми гузаронидани назорати баъди барасмиятдарории гумрукӣ, экспертизаро шахси мансабдори мақомоти гумрук, ки бевосита назорати баъди барасмиятдарории гумрукиро мегузаронад, таъин мекунад.

9. Ҳангоми муроҷиати шаҳрвандон ё дигар шахсони нисбати мол ё воситаҳои нақлиёт ваколатдор, экспертиза бо супориши хаттии роҳбарияти болоӣ гузаронида мешавад.

10. Оид ба таъини экспертиза шахси мансабдори мақомоти гумрук қарор қабул мекунад. Шакл ва матни қарор бо фармоиши Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 232 - ф аз 5 декабри соли 2007 тасдиқ шудааст. Ҳангоми таъини экспертиза бо ташаббуси декларант ё дигар шахсони нисбати мол ё воситаҳои нақлиёт ваколатдор, тартиби дар Нақшаи технологии мазкур муқарраршуда пурра риоя карда мешавад.

Қарор оид ба таъини экспертиза дар китоби алоҳида ба қайд гирифта мешавад.

11. Ҳангоми таъини экспертиза дар назди Лаборатория муайян намудани масъалаҳои зерин гузошта мешавад:

- нишондиҳандаҳо барои муайян кардани рамзи мол мувофиқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;
- ҳаммонандкунии мол, аз ҷумла ашёи хом баъди гузаронидани амалиёт оид ба коркарди он;
- тамға, навъ ва намуди мол;
- технологияи истеҳсоли мол;
- сарчашмаи ашёи истеҳсоли мол;
- меъёри истеҳсоли мол ҳангоми коркард;
- хосиятҳои физикӣ ва таркиби химиявии мол.

Ба ин мақсад Лаборатория шаклҳои зерини экспертизаро метавонад гузаронад, ки номгӯи онҳо ниҳоӣ ба ҳисоб намеравад:

- таснифотӣ;
- ҳаммонандкунӣ;
- химиявӣ;
- технологӣ;
- молшиносӣ.

12. Дар қарор оид ба таъини экспертиза масъалаҳое дар назди коршинос гузошта мешаванд, ки бояд мушаххас ва дар доираи салоҳиятҳои Лаборатория бошанд.

13. Чошнӣ ва намунаи мол тибқи моддаи 424-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши № 242-ф аз 18 июли соли 2005 ва фармони № 199 аз 28 июни соли 1999 гирифта мешаванд.

Санади гирифтани чошнӣ ва намунаи мол дар китоби алоҳида ба қайд гирифта мешавад.

14. Чошнӣ, намунаи мол ва ҳамчунин далелҳои шайъӣ тибқи тартиби муқарраргардида бастубанд ва мӯҳр зада мешаванд.

Дар ҳолатҳои зарурӣ чошнӣ ва намунаи мол бо иштироки коршиноси Лаборатория гирифта мешаванд.

15. Агар пешниҳод намудани объекти тадқиқ ба Лаборатория имкон надошта бошад (ҳаҷман калон ва ё интиқоли он ба сабабҳои гуногун номумкин бошад), дар қарор бояд макони ҷойгиршавии он нишон дода шавад ва (дар ҳоли зарурат) имкони азназаргузаронӣ ва тадқиқи он дар ҷояш таъмин карда шавад.

16. Маводи ба экспертиза фиристодашаванда ва объекти экспертиза шахсан аз ҷониби шахси мансабдори мақоми гумрук, ки экспертизаро таъин кардааст ва ё шахси бовариноке, ки ваколаташ бо бовариинома тасдиқ шудааст, ба Лаборатория расонида мешавад. Ба қарор оид ба таъини экспертиза ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:

- Санади гирифтани чошнӣ ва намунаи мол;

- Шартномаи таҳвили мол;

- Борхат;

- Ҳуҷҷати тасдиққунандаи кишвари истеҳсоли мол;

- Ҳуҷҷатҳои техникӣ ё технологӣ, ки дар бораи хосият ва таъиноти мол маълумот доранд: шартҳои техникӣ, технологияи истеҳсол, нақшаҳои техникӣ, дастур оид ба истифодаи мол ва ғайра (дар мавридҳое, ки ин ҳуҷҷатҳо барои гузаронидани тадқиқоти лабораторӣ заруранд).

Инчунин коршинос тибқи қисми 3-и моддаи 422-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои талаб кардан ва гирифтани маводи иловагии зарурӣ ҳуқуқ дорад.

17. Экспертизаи гумрукӣ танҳо баъди аз ҷониби мақоми экспертизаро таъиннамуда ( шахси мансабдор) пешниҳод намудани маводи зарурие, ки тибқи талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд, гузаронида мешавад.

18. Экспертиза аз ҷониби кормандони Лаборатория, ки шаҳодатномаи коршинос доранд, гузаронида мешавад.

19. Экспертизаҳое, ки шахсони мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин кардаанд, аз ҷониби Лаборатория ройгон гузаронида мешавад.

20. Ҳангоми ба экспертиза пешниҳод намудани маводе, ки бо вайронкунии талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ тартиб дода шудаанд, Сардори Лаборатория дар муддати як шабонарӯз дар ин бора ба шахси мансабдоре, ки онро таъин кардааст, хабар медиҳад.

21. Агар шахси мансабдоре, ки экспертизаро таъин кардааст, барои бартараф намудани талаботи риоянашуда дар тартиб додани мавод чора наандешад, Сардори Лаборатория ҳуқуқ дорад бо гузаштани як моҳ аз рӯзи расидани мавод онҳоро бе гузаронидани экспертиза, якҷоя бо иттилои хаттии мавҷуд набудани имкони додани хулоса баргардонад.

22. Агар гузаронидани экспертиза дар Лаборатория имконнопазир бошад ва ё Лаборатория чунин мутахассисони соҳавӣ надошта бошад, сардори Лаборатория фавран шахси мансабдори мақоми гумрукро, ки экспертизаро таъин кардааст, дар ин бора хабардор мекунад. Чошнӣ, намуна ва дигар объектҳои тадқиқро бошад бармегардонад ва ё дар мувофиқа бо шахси мансабдори мақоми гумрук, ки экспертизаро таъин кардааст, мутахассисонро аз дигар муассисаҳои экспертӣ ҷалб мекунад.

23. Мӯҳлати гузаронидани экспертизаро моддаи 419-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

24. Дар ҳолате, ки гузаронидани экспертиза дар мӯҳлати муқаррарнамудаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон имконнопазир бошад, Сардори Лаборатория дар ин бора шахси мансабдори мақоми гумрукро, ки экспертизаро таъин кардааст, огоҳ менамояд ва дар мувофиқа бо ӯ барои ба охир расонидани экспертиза мӯҳлати иловагӣ муқаррар мекунад.

25. Ҳангоми ба шахси мансабдори мақоми гумрук, ки экспертизаро таъин кардааст, фиристодани дархости маводи иловагӣ, ки бе онҳо гузаронидани экспертиза ғайриимкон аст, фосилаи аз рӯзи фиристода шудани дархост то рӯзи расидани мавод ё хабар дар бораи рад шудани қонеъсозии дархост, ба мӯҳлати гузаронидани экспертиза дохил намешавад.

26. Дар сурати нофаҳмо ва нопурра будани хулосаи коршинос, шахси мансабдори мақоми гумрук, ки экспертизаро таъин кардааст, барои дақиқ намудани раванди тадқиқ ва исботи хулосаҳо, ҳамчунин барои пурратар асоснок кардани онҳо, метавонад экспертизаи иловагӣ таъин намояд. Дар ин ҳолат дар назди коршинос масъалаи нав ва ё саволҳое гузошта мешаванд, ки пештар пешниҳод шуда буданд, аммо коршинос онҳоро ба таври пурра ҳал накардааст. Дар ҳолати пайдо шудани шубҳа нисбати дурустии хулоса ва ё беасосии он экспертизаи такрорӣ таъин карда мешавад.

27. Ҳангоми таъини экспертизаи иловагӣ дар қарор асос барои таъини экспертиза ва маълумот дар бораи экспертизаҳои пеш аз ин гузаронидашуда нишон дода мешавад.
28. Таъини экспертизаи такрорӣ бояд асоснок карда шавад. Дар қарор оид ба таъини экспертизаи такрорӣ мазмуни мушаххаси хулосаи экспертизаи аввала, ки нодуруст ва беасос дониста шудааст, ҳамчунин ҳолате, ки барои шубҳа ба ҳаққонияти хулосаи коршинос асос шудааст, нишон дода мешавад.
29. Экспертизаи объектҳои нав, ки дар экспертизаи аввала мавриди тадқиқ қарор нагирифта буданд, масалан, чошнӣ ва намунаҳои аз нав гирифташуда, тибқи қоидаҳои умумӣ чун экспертизаи нав таъин карда мешаванд.
30. Ҳангоми гузаронидани экспертиза аз ҷониби якчанд коршинос, онҳо то додани хулоса бо ҳам машварат мекунанд. Агар коршиносон ба хулосаи умумӣ расанд, дар охир ҳамаи онҳо ба он имзо мегузоранд.
31. Ҳангоми аз ҷониби якчанд коршинос гузаронидани экспертиза, Сардори Лаборатория коршиноси пешбарро таъин мекунад, ки ташкил ва ҳамоҳангсозии фаъолияти гурӯҳи коршиносонро таъмин менамояд. Ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои мурофиавии коршиноси пешбар (роҳбари гурӯҳи коршиносон) бо аъзои гуруҳ яккхела буда, ӯ дар ҳалли моҳияти масъалаҳо салоҳияти иловагӣ надорад.
32. Хулосаҳо оид ба саволҳое, ки ба зиммаи коршинос (коршиносон) гузошта нашуда буданд, вале коршинос онҳоро дар рафти тадқиқ ошкор кардааст, дар поёнии хулоса зикр карда мешаванд.
33. Ҳангоми гузаронидани экспертиза бо иштироки мутахассисони якчанд лаборатория (муассиса) хулоса (хулосаҳо) - и умумӣ аз ҷониби коршиносоне, ки дар тадқиқот ширкат карда ва ба фикри ягона омадаанд, имзо карда мешавад. Агар коршиносон ба фикри ягона наоянд, онҳо хулосаҳои худро мустақилона дар доираи хулосаи умумӣ баён мекунанд. Ҳар коршинос ӯҳдадор аст, ки сабаби ризо набудани худро асоснок кунад.
34. Хулоса аз ҷониби коршинос (коршиносон) - е, ки экспертизаро гузаронидаанд имзо шуда, бо мӯҳри Лаборатория тасдиқ карда мешавад.

Сардори Лаборатория хулосаро ба шахси мансабдори мақомоти гумрук, ки экспертизаро таъин кардааст, месупорад ё тавассути почта мефиристад. Дар ин бора дар китоби алоҳида сабти мувофиқ карда мешавад ва шахси мансабдори мақомоти гумрук, ки экспертизаро таъин намудааст имзо мегузорад.
35. Агар ба хулоса ҷадвал, расм ва ғайра замима шавад, онҳо низ аз ҷониби коршинос (коршиносон) имзо ва бо мӯҳри Лаборатория тасдиқ карда мешаванд. Дар онҳо рақам ва таърихи хулосае, ки маводи мазкур ба он замима мешаванд, сабт мешаванд.
36. Чошнӣ ва намунаи мол тибқи қисми 11- и моддаи 424-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибаш баргардонида ё нобуд карда мешаванд.
37. Хулоса ва замимаи он дар ду нусха тартиб дода мешаванд; нусхаи аввал ба шахси мансабдори мақоми гумрук, ки экспертизаро таъин кардааст, супорида ё фиристонда мешавад ва нусхаи дуюм дар Лаборатория нигоҳ дошта мешавад.
38. Шахси мансабдори мақоми гумрук, ки экспертизаро таъин намудааст, оид ба натиҷаи баррасии хулосаи коршинос ва қабули қарор ба Лабораторияи гумрукии марказӣ ба таври хаттӣ ахбор мефиристад.